**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D. КОА - 068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба диссертатсияи Ашурмадов Қиматалӣ Машарифович дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси: 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

«20» феврали соли 2023 ш. Душанбе

Диссертатсияи Ашурмадов Қиматалӣ Машарифович дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» ба таҳқиқи қиёсии пешояндҳои замон ва самту ҳаракати забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст.

Нақши пешояндҳо, махсусан, дар сохтани ибораҳо ва таркибҳои гуногуни забонӣ, чи дар забони англисӣ ва чи дар забони тоҷикӣ назаррас ва муҳим аст ва ҳатто гуфтан мумкин аст, ки маҳз дар ин забонҳо бидуни пешояндҳо сохтани як қатор қолабҳои гуногуну таркибҳо, махсусан навъу намуди ҷудогонаи ибораҳо номумкин аст. Зикри ин нукта муҳим аст, ки нақши пешояндҳо, бавижа дар сохтани ибораҳои қолаби вобастагӣ басо муҳим арзёбӣ мешавад. Ҳатто пешояндҳои аслии забони тоҷикӣ ибораҳое месозанд, ки маъноҳои замон, сабаб, шарт, самту ҳаракат ва дигар маъноҳои гуногуни грамматикиро ифода карда метавонанд.

Маҳз барои ҳамин баррасии вижагиҳои маъноиву грамматикии пешояндҳо, шарҳи грамматикии воситаҳои ёвари ҳиссаҳои нутқи забони тоҷикӣ дар асоси муқоиса бо забонҳои хеш, аз ҷумла бо забони англисӣ яке аз масъалаҳое аст, ки тайи чанд соли охир диққати муҳаққиқони

тоҷикро ба худ ҷалб намудааст. Маъмулан пешояндҳо қисмати муайяни воҳидҳои забонро ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ ташкил дода, аз калимаҳои мустақилмаъно фарқи куллӣ доранд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Ашурмадов Қиматалӣ Машарифович ба яке аз масъалаҳои муҳим дар самти таҳқиқи пешояндҳои замон ва самту ҳаракат басо таҳқиқталаб ва пурмуаммо далолат мекунад. Забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз замони пайдоиш ва ташаккули худ давраҳои гуногуни таърихиро аз сар гузаронида, торафт ғанӣ ва мукаммал шуда, барои ба ҷо овардани эҳтиёҷоти ҷомеа ҳамчун воситаи асосӣ хизмат мекунанд. Диссертатсияи ба таҳқиқи пешояндҳои ифодакунандаи самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро адабиёти илмию назариявии забоншиносони ватаниву хориҷӣ, ташкил медиҳанд. Маълум гардид, ки зимни баррасии масоили баҳсталаби диссертатсияи мазкур дастовардҳои илмии олимон, ба монанди Фердинанд де Соссюр, Бодуэн де Куртенэ, Л. В. Шерба, А. И. Смирнитский, В. В. Виноградов, В. С. Расторгуева, Л. Р. Зиндер, В. С. Соколова, Р. Якобсон, Н. М. Шанский, А. А. Уфимсева, Л. Елмслев, С. Д. Кацнелсон, Н. С. Валгина, И. Р. Галперин, Д. Т. Тоҷиев, М. Н. Қосимова, Ш. Рустамов, Д. Саймиддинов, Т. Хаскашев, Ҳ. Маҷидов, Д. Хоҷаев, С. Назарзода, Ш. Исмоилов, А. Ҳасанзода, Н. Офаридаев, С. Сулаймонов, А. Мамадназаров, М. Ҳ. Султон, О. Қосимов, З. Мухторов, С. Ҷоматов ва дигарон ҳамчун асосҳои назариявӣ ва методологӣ истифода гардидаанд.

Таҳқиқоти баанҷомрасондаи Ашурмадов Қиматалӣ Машарифович арзиши баланди илмӣ дошта, тартиби масъалагузорӣ ва ҳалли онҳо мантиқан дуруст ба роҳ монда шудааст. Диссертатсия ба забони илмӣ иншо гардида, дорои мазмуну муҳтавои илмӣ мебошад. Натиҷагирию хулосабарориҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки диссертант объекти таҳқиқро ба таври зарурӣ омӯхта, таҳлилу баррасии дақиқ намудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, зербобҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, дар асоси талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, таълиф шудааст.

Дар муқаддима диссертант мубрамияти мавзуи интихобгардидаро асоснок намуда, ҳамчунин дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаву мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои он, объекти таҳқиқот ва мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявию амалӣ ва методологии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии муҳаққиқ, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсияро тавсиф намудааст.

Боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявии омӯзиши пешояндҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ном дошта, дар он мафҳуми пешоянд дар забоншиносӣ, мавқеи пешояндҳо дар забони форсии бостон ва таркиби морфологии пешояндҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Боби дуюми диссертатсия «Вижагиҳои типологии пешояндҳои ифодаи замон дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» унвон гирифта, дар он пешояндҳои аслии содаи ифодакунандаи замони зуҳури амалу ҳодиса, пешояндҳои номии изофии таркибии ифодакунандаи муносибатҳои замон, пешояндҳои номии ғайриизофии ифодакунандаи замони амалу ҳодисаи бавуқуъомада ва дигар қисмати пешояндҳо таҷдиди назар шудааст.

Боби сеюм бошад ба «Таҳлили муқоисавии пешояндҳои ифодакунандаи самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» бахшида шудааст. Муаллиф ин бобро аз таснифу гурӯҳбандии пешояндҳои аслии сода, пешояндҳои аслии таркибӣ, пешояндҳои номии изофии сода,

пешояндҳои номии изофии таркибӣ ва хусусиятҳои фарқкунандаи бархе аз пешояндҳоро шарҳу тавзеҳ медиҳад. Муаллифи диссертатсия тавонистааст, нақши пешояндҳоро дар ҷумлаҳои забони тоҷикӣ ва англисӣ таҳлилу баррасӣ намуда, тафовуту монандии онҳоро дар забонҳои муқоисашаванда нишон диҳад.

Муаллифи диссертатсия дар ҳар як фасл ва зерфаслҳои кори мазкур пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракатро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз рӯйи хосияти умумиву мутафовит ва тобишҳои маъноиашон тасниф карда, бо мисолҳои муътамад асоснок кардааст.

Дар хулосаи диссертатсия мазмуну муҳтавои диссертатсия дар даҳ банд натиҷагирӣ карда шуда, мақсад ва вазифаҳои пешгузоштаи муҳаққиқ дар он пурра ҷамъбаст гардидааст.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ комилан мувофиқ мебошад.

Нуктаҳои асосии диссертатсия дар 7 мақола, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, ки бевосита ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия алоқаманд мебошанд.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқ, аҳамияти назарияавию амалии таҳқиқ, навгониҳои илмии таҳқиқ ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экпертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Ашурмадов Қиматалӣ Машарифовичро дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» таҳқиқоти анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгу мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба ҳимоя пешниҳод намудан мумкин аст.

Дар асоси банди 60-и «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ», комиссияи экспертӣ чунин хулоса мекунад:

1. Диссертатсияи Ашурмадов Қиматалӣ Машарифович дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар Шурои диссертатсионии 6D. КОА - 068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки бо корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқат мекунад, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

2.1. **Юсупова Зарина Розиқовна**– доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти русӣ Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

2.2. **Махадова Гулнисо Худоёровна -** номзади илмҳои филологӣ, муовини директор оид ба илм ва иноватсия, Литсейи № 2 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе

3. Ба сифати муассисаи тақриздиҳанда Институти забон ваадабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

6. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаи таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Раҳмонова Н. Ш.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ: Турсунов Ф. М.

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ: Нозимов А. А.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ